# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович дар мавзӯъи “Усулҳои парвариши шолии ангорӣ дар шароити Ҷанубу Ғарбии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.01. –зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои асосии сиёсати давлат ба ҳисоб меравад, чунки масоҳати заминҳои корами кишварамон хеле маҳдуд аст. Аз ин лиҳоз олимонро зарур аст, ки ҳарчи самаранок истифода кардани ҳар як қитъаи заминро дар таҳқиқотҳояшон кор карда бароянд. Яке аз роҳҳои бештар истеҳсол намудани маҳсулоти озуқавории соҳаи кишоварзӣ ин аз майдони муайяни замин дар як сол ба даст овардани ду – се намудҳои гуногуни ҳосили зироатҳо аст. Албатта яке аз ин роҳҳо дар минтақаи водигии ноҳияҳои Кӯлоби вилояти Хатлон бо истифода аз кишти ангории шолӣ баъди ҷамъоварии ҳосили зироатҳои тирамоҳӣ аст. Дар мавзеъи номбаршуда давомнокии мусоид барои нашъунамои зироатҳои кишти такрорӣ 140-150 рӯзро ташкил медиҳад. Дар ин муддат аз заминҳои обӣ имконияти пурраи ба даст овардани ҳосили дони баъзе зироатҳо имконпазир аст. Аммо то ҳол оиди парвариши шолӣ дар кишти ангорӣ дар шароити ҷанубу ғарбии Тоҷикистон таҳқиқот анҷом дода нашудааст, ки аз актуалӣ будани мавзӯъи таҳқиқот шаодат медиҳад.

Мақсади асосии таҳқиқоти унвонҷӯ Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани чунин усулҳои асосии парвариши шолӣ – яъне мӯҳлати кишт, меъёри кишт ва меъёри андохтани нуриҳои минералӣ дар кишти ангории он аст.

Ба сифати объекти таҳқиқот унвонҷӯй навъи шолии “Авангард” – ро интихоб намуда онро дар вариантҳои гуногуни таҳқиқоти мӯҳлатҳои гуногнуни кишт, меъёри кишт ва меъёри истифодаи нуриҳои минералӣ $N_{180}P_{180}K_{75}$ кг/га аз санҷиш гузаронида аст.

Аз мобайни дигар вариантҳои таҳқиқот нисбатан зиёдтар ҳосилшавии биовазни хушк дар кишти ангории барвақтии шолӣ, яъне 10-уми июн,

меъёри тухмии тухмӣ 8 млн./га ва меъёри нурии $N_{180}P_{180}K_{75}$ кг/га ба мушоҳида расид.

Ҳамин тариқ кишти барвақтӣ (10 июн), меъёри муайяни тухмӣ (8 мл.н дона дар 1 га) ва меъёри нурии таҳрезишуда ба зиёдшавии ҳосилнокии дони шолии навъи "Авангард" дар кишти ангорӣ дар шароити иқлимии ҷанубу ғарбии Тоҷикистон то 73,8 с/га расид. Муаллиф аввалин шуда усули парвариши шолиро дар кишти ангорӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок намуда барои кишоварзони минтақа ҳамчун тавсия пешниҳод намуд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар майдони 1,5 гектар барои тадбиқи амалӣ дар заминҳои ҷамоати деҳоти Ғайрати ноҳияи Фархор ҷорӣ карда шудааст.

Шакаров Н.Ҷ. оиди натиҷаҳои таҳқиқоташ 8 мақолаҳои илмиро, ки 4-тои онҳо дар маҷаллаҳои эътирофгардидаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд ба нашр расонидааст.

Маводҳои таҳқиқотии дар автореферат овардашуда, ки баланд бардоштани ҳосили кишти ангории зироати шолиро дар водиҳои ноҳияҳои вилояти Кӯлоб таъмин менамояд ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда муаллифи он Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мебошад.

Мудири озмоишгоҳи генетика ва
селексияи растаниҳои Институти биологии
Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбеков,
доктори илмҳои кишоварзӣ,
узви вобастаи АМИТ Қ. Абдуламонов

Имзои Қ. Абдуламонов-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо Л. Наврузқулова

**Суроға:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, ш. Хоруғ, кучаи. Холдоров 1, Институти биологии Помир АМИТ. Моб: 935675416, E-mail: ahmad79.79@mail.ru